**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№12**

**аз 23 июни соли 2010** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи кассатсионӣ баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ**

Бо дарназардошти қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тартиби пешбурди парвандаи ҷиноятиро дар марҳилаи кассатсионӣ ба танзим медарорад, инчунин масъалаҳое, ки аз таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ба тариқи кассатсионӣ бармеоянд, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

1.Диққати коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ, суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ ва шаҳри Душанбе ба он ҷалб карда шавад, ки аз нав дида баромадани ҳукм, таъинот ва қарорҳои марҳилаи якум дар марҳилаи кассатсионӣ кафолати муҳими ҳимояи ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, ҳимояи манфиати давлат, ташкилоту массисаҳое, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, имконият медиҳад, ки хатогиҳои суди марҳилаи якум ба таври фаврӣ бартараф карда шаванд. Ноил шудан ба чунин ҳадаф танҳо ҳангоми аз ҷониби суди марҳилаи кассатсионӣ пурра риоя намудани принсипҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ, аз қабили татбиқи адолати судӣ, ҳифзи судӣ, қонуният ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, эҳтироми шаъну шарафи шахс, дахлнопазирии шахсият, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, дахлнопизирии манзил, маҳрумияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот, мухобирот, сирри шахсӣ ва оилавӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ, баробарӣ дар назди қонун ва суд, мустақилияти судяҳо, забони мурофиаи судии ҷиноятӣ, ошкоро будани муҳокимаи судӣ, мубоҳиса ва баробарии тарфаҳо, тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва одилонаи ҳолатҳои кор, таъмини ҳукуки ҳимоя ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда, сафедшуда ва ҳуқуқи шикоят намудан аз амал ва қарорҳои мурофиа имконпазир мегардад.

2.Мувофиқи талаботи моддаи 357-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ) суди марҳилаи кассатсионӣ парвандаҳои ҷиноятиро аз рӯи шикоятҳои маҳкумшуда, сафедшуда, ҳимоятгари онҳо ва намояндагони қонунии онҳо, ҷабрдида ва намояндаи ӯ, эътирозҳои айбдоркунандаи давлатӣ, ки дар баррасии парванда иштирок кардаанд, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурорҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Душанбе, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, прокурорҳои ба онҳо баробаркардашуда ва муовинони онҳо ба ҳукмҳои эътибори конунӣ пайдонакардаи суди марҳилаи якум баррасӣ менамояд.

Инчунин, дар марҳилаи кассатсионӣ шикоятҳои даъвогари граждани, ҷавобгари граждани ё намояндагони онҳо ба ҳукм дар қисми вобаста ба даъвои гражданӣ дида баромада мешаванд.

3. Ҳимоятгари маҳкумшуда, ки дар суди марҳилаи якум иштирок намудааст, ҳуқуқ дорад бо ташаббуси худ шикояти кассатсиониро нисбати ҳукм пешниҳод намояд. Агар ҳимоятгареро, ки шикояти кассатсионӣ овардааст, бо ризоияти маҳкумшуда дигар ҳимоятгар иваз намояд, охирин ҳуқуқ дорад тибқи талаботи қисми 4 моддаи 362-и КМҶ шикояти иловагӣ пешниҳод намояд.

Даст кашидани маҳкумшуда аз хизмати ҳимоятгаре, ки шикояти кассатсионӣ пешниҳод намудааст, барои баррасии парванда дар суди марҳилаи кассатсионӣ монеа намешавад ва асос барои қатъ намудани пешбурди кассатсионӣ намегардад.

Агар маҳкумшуда аз хизмати ҳимоятгар дар марҳилаи кассатсионӣ даст кашад, он гоҳ дар сурати мавҷуд набудани дигар шикоят ё эътирози кассатсионӣ пешбурди парванда ба тариқи кассатсионӣ қатъ карда мешавад.

Суд мувофиқи талаботи моддаи 51-и КМҶ, ки ҳолатҳои барои суд ҳатмӣ набудани даст кашидан аз ҳимоятгарро пешбинӣ намудааст, чунин дасткаширо қабул накарда, шикоятро моҳиятан баррасӣ карда, дар ин бора дар таъинот қайд менамояд.

4. Хешовандони наздики маҳкумшуда, сафедшуда ё ҷабрдида дар сурате ҳуқуқи овардани шикояти кассатсиониро доранд ва шикояти онҳо он гоҳ барои пешбурди парванда дар марҳилаи кассатсионӣ асос мегардад, ки агар шахсони номбурда мутобиқи талаботи қисми 1 моддаи 49-и КМҶ бо таъиноти суд, қарори судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ба сифати ҳимоятгар ба пешбурди парванда роҳ дода шуда бошанд.

Дар сурати пешниҳод гардидани шикоят ё эътирози кассатсионӣ аз ҷониби шахсоне, ки ҳуқуқи пешниҳод намудани онҳоро надоранд, пешбурди кассатсионӣ қатъ карда мешавад.

5. Тибқи талаботи моддаи 361-и КМҶ оид ба шикоят ва эътирози дохилшуда судяе, ки ҳукм баровардааст, вазифадор аст иштирокчиёни парвандаро огоҳ сохта, ба онҳо ҳуқуқи бо шикоят ё эътироз шинос шудан, изҳори норозигӣ овардан, ба марҳилаи кассатсионӣ маводи иловагӣ пешниҳод карданро фаҳмонида диҳад.

Суди марҳилаи кассатсионӣ бошад вазифадор аст, ҷиҳати таъмини кафолати ҳимояи ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, дар рафти омодасозии парванда ба баррасии кассатсионӣ санҷида бароя, ки оё суде, ки ҳукм баровардааст, маҳкумшуда ё сафедшуда, ҳимоятгар, айбдоркунанда, ҷабрдида ё намояндаи ӯ, инчунин даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳоро, ба шарте, ки эътироз ё шикоят ба манфиати онҳо дахолат кунад, огоҳ намуда, дар бораи ҳуқуқи бо шикоят ё эътироз шинос шудан ва ба таври хаттӣ эродҳои худро ба шикоят ва ё эътироз пешниҳод кардан фаҳмонидааст ё не.

Ҳамчунин, аз ҷониби суди марҳилаи кассатсионӣ санҷида баромада мешавад, ки бо хоҳиши тарафҳо оё нусхаи эътироз ё шикоятеро, ки тарафи дигар додааст, ба онҳо супорида, эродҳое, ки нисбат ба эътироз ё шикоят расидаанд, ба парванда ҳамроҳ карда шудаанд ё не.

Агар то оғози мурофиаи судӣ шикоят ё эътирози кассатсионӣ ба тариқи муқаррарнамудаи қонун бозхонд шуда бошанд, дар ин бора суди марҳилаи кассатсионӣ иштирокчиёни мурофиаро бояд фавран огоҳ намояд.

6. Ҳангоми ошкор намудани воқеияти вайрон гардидани талаботи моддаҳои 359, 361ва 368-и КМҶ ё муайян гардидани дигар маълумоте, ки барои баррасии парванда ба тариқи кассатсионӣ монеа мегарданд, инчунин дар ҳолати пешниҳоди шикоят ё эътироз бевосита ба суди марҳилаи кассатсионӣ, он бояд баҳри иҷрои талаботи моддаҳои дар боло зикргардида чораҳо андешида, дар сурати имконпазирии баррасии парванда, онро бо шикоят ё эътироз ба суди марҳилаи якум барнагардонад.

Дар сурати имконнопазирии бартараф намудани монеаҳо парванда (шикоят ё эътироз) ба суде, ки ҳукмро баровардааст, барои бартараф кардани камбудиҳои роҳдода ирсол карда мешавад.

7. Суди марҳилаи кассатсионӣ бояд санҷида бароя, ки оё шахсони шикоят ё эътирози кассатсионӣ пешниҳоднамуда ва дигар иштирокчиёни мурофиа дар бораи ҷой ва вақти баррасии парванда дар марҳилаи кассатсионӣ огоҳ карда шудаанд.

Мутобиқи талаботи моддаи 368-и КМҶ суд бояд ба дигар шахсони иштирокчии мурофиа низ, ки дар парванда ба сифати тараф иштирок надоштанд, вале санади судӣ ба манфиати онҳо дахолат мекунад ва онҳо дар ин бобат дар ариза ё изҳори норозигии худ нисбати эътироз ё шикоят дархост пешниҳод намуда бошанд, дар бораи ҷой ва вақти баррасии парванда дар марҳилаи кассатсионӣ хабар диҳад.

Ҳозир нашудани шахсоне, ки дар бораи ҷой ва вақти маҷлиси кассатсионӣ саривақт огоҳ гардидаанд, барои баррасии парванда монеа шуда наметавонад.

8. Бо дарназардошти он ки иштироки маҳкумшуда дар суди марҳилаи кассатсионӣ барои

ҳалли дурусти парванда аҳамият дорад, суд бояд нисбати дархости маҳкумон, дар бораи ба мурофиаи судӣ барои додани баёнот даъват намудани онҳо диққати ҷиддӣ диҳад.

Суди марҳилаи кассатсионӣ ӯҳдадор аст, иштироки маҳкумшудаи таҳти ҳабс қарордоштаро, ки дар баррасии шикояташ ё эътирози хилофи манфиати ӯ овардаи прокурор хоҳиши ширкат карданро намудааст ба маҷлиси судии марҳилаи кассатсионӣ таъмин намояд.

Ҳимоятгари маҳкумшуда (сафедшуда) ё намояндаи ҷабрдида, ки пас аз баровардани ҳукм супориши онҳоро қабул кардаанд, дар ҳама ҳолатҳо ба маҷлиси кассатсионӣ роҳ дода мешаванд. Бо хоҳиши онҳо барои асоснок кардани шикоят ё эътироз ё эрод гирифтан ба онҳо сухан дода мешавад.

9. Ҳамчунин, суди марҳилаи кассатсионӣ ҳуқуқ дорад, ки мутобиқи талаботи қисми 1 моддаи 49-и КМҶ хешовандони наздик ва намояндагони қонунии маҳкумшуда ё сафедшударо ба пешбурди кассатсионии парванда роҳ диҳад. Агар шахсони зикргардида ба сифати ҳимоятгар дар суди марҳилаи якум иштирок надошта бошанд, суди марҳилаи кассатсионӣ бояд дар бораи роҳ додани онҳо дар баррасии парванда таъинот қабул намояд.

10. Бо мақсади санҷидани қонунӣ, асоснок ва одилона будани ҳукм, баҳри ба амал баровардани принсипҳои ошкоро будани муҳокимаи судӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, судҳои марҳилаи кассатсионӣ бояд аз рӯи ҳар як парванда ба иштирокчиёни мурофиа имконияти ба амал баровардани ҳуқуқҳои бо қонун пешбинигардидаашонро марбут ба иштироки онҳо дар баррасии парванда ба тариқи кассатсионӣ, таъмин намоянд (моддаҳои 368 ва 369-и КМҶ).

11. Агар шикоят ё эътирози кассатсионӣ нисбати баъзе маҳкумон пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм, нисбати маҳкумони дигар дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонун пешниҳод гардида, талаботи моддаи 360-и КМҶ, яъне тартиби барқарор намудани мӯҳлати шикоят кардан ва эътироз овардан риоя карда нашуда бошад, инчунин агар шикояти кассатсионии маҳкумшуда ё ҳимоятгари ӯ пас аз баррасӣ гардидани парванда аз рӯи эътирози кассатсионӣ ё шикояти кассатсионии дигар иштирокчии мурофиа дар марҳилаи кассатсионӣ пешниҳод шуда бошад, суди марҳилаи кассатсионӣ вазифадор аст парвандаро ба раиси суде, ки салоҳияти овардани эътирозро ба тариқи назоратӣ дорад, ирсол намояд, то ин ки таъиноти қабулгардида бекор карда, ҳамаи шикояту эътироз дар як вақт мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

Пас аз ба тариқи назоратӣ бекор гардидани таъиноти кассатсионӣ ва ирсоли парванда ба баррасии нави кассатсионӣ, суде ки парвандаро маротибаи дуюм мавриди баррасӣ қарор медиҳад, вазифадор аст, талаботи моддаи 361-и КМҶ-ро дар бораи огоҳ кардани шахсони иштирокчии мурофиа, ки шикоят ё эътирози кассатсионӣ пешниҳод намудаанд, бобати баррасии парванда дар марҳилаи кассатсионӣ, риоя намояд.

12. Мутобиқи талаботи моддаи 370-и КМҶ суди марҳилаи кассатсионӣ бо ваҷҳҳои дар шикоят ё эътирози кассатсионӣ овардашуда вобаста набуда, вазифадор аст, парвандаро дар ҳаҷми пуррааш дар ҳаққи ҳамаи маҳкумон, аз ҷумла ба онҳое, ки нисбаташон шикоят ё эътирози кассатсионӣ оварда нашудааст, санҷида барояд.

Бо дарназардошти талаботи моддаҳои 364, 370-и КМҶ баҳри санҷиши қонунӣ, асоснок ва одилона будани ҳукм ва дигар санадҳои судӣ, суди марҳилаи кассатсионӣ вазифадор аст, ки парвандаро дар ҳаҷми пуррааш дар асоси маводи дар он мавҷуд буда ва ба таври илова пешниҳодгардида санҷида баромада, бо мақсади таъмин намудани талаботи мазкур дар ҳолатҳои зарурӣ метавонад пешниҳод намудани маводи иловагиро талаб намояд.

Ҳамзамон, диққати судҳо бояд ба он ҷалб карда шавад, ки мувофиқи талаботи қисми 4 моддаи 369-и КМҶ маводи иловагии пешниҳодгардида набояд бо роҳи гузаронидани амалҳои тафтишӣ ба даст оварда шуда бошад, зеро тибқи қонун ҳар як амали тафтиши иловагӣ аз рӯи парванда (пурсиши айбдоршаванда, ҷабрдида, шоҳидон, анҷом додани ёфта гирифтан, азназаргузаронӣ, ташхис ва ғайра) танҳо пас аз бекор гардидани ҳукм ва ирсоли парванда ба баррасии нав ё аз рӯи ҳолатҳои нав ошкоргардида сурат мегирад.

13.Ба маводи иловагӣ дар маҷмӯъ бо дигар маводи парванда баҳо дода мешавад ва он метавонад асоси таъиноти марҳилаи кассатсионӣ дар бораи бекор кардани ҳукм ва ирсоли парванда ба тафтиши нав ё муҳокимаи нави судӣ гардад.

Тағйир додан ё бекор кардани ҳукм бо қатъ намудани парванда дар асоси маводи

иловагии пешниҳодгардида манъ аст, ба истиснои он ҳолатҳо ва воқеияте, ки бо чунин мавод муқаррар карда мешавад тафтиши (санҷиши) иловагӣ ва баҳодиҳии суди марҳилаи якумро талаб намекунад (воқеияти фавти маҳкумшуда пас аз ҷониби охирин пешниҳод намудани шикояти кассатсионӣ, ба синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ нарасидани маҳкумшуда, мавҷуд набудани судшавии қаблӣ ва ғайра).

14. Суди марҳилаи кассатсионӣ санадҳои судиро мавриди санҷиш қарор дода, вазифадор аст, дар доираи ҳуқуқҳои бо қонун пешбинишуда вайронкунии қонуни моддӣ ё мурофиавиро аз ҷониби суди марҳилаи якум, новобаста аз он, ки ин ҳолат дар шикоят ё эътироз нишон дода нашудааст, бартараф созад.

Дар мавриди ҷой доштани асос, суд бояд ҳукмро дар сурате бекор кунад ё ба он тағйиротҳои зарурӣ ворид намояд, ки агар қарори қабулгардида вазъи маҳкумони зикршударо вазнинтар насозад.

Агар суди марҳилаи кассатсионӣ ҳукмеро, ки маҳкумшуда нисбаташ шикоят пешниҳод накардааст ва ба он эътироз оварда нашудааст, бекор кунад ё тағйир диҳад, бояд дар қисми муқаддимавии таъинот дар бораи шахсияти маҳкумшуда, бо кадом модда маҳкум шудааст, нисбаташ кадом ҷазо таъин гардидааст ва парванда нисбати ӯ ба тариқи моддаҳои 364, 370-и КМҶ баррасӣ карда мешавад, маълумотҳоро дарҷ намояд.

Ҳангоме, ки асос барои бекор кардан ё тағйир додани ҳукм муқаррар карда нашавад, дар таъинот бобати он ки парванда нисбати чунин маҳкумон мавриди санҷиш қарор гирифта, ҳукм бетағйир мононда шудааст, қайд кардан зарурат надорад.

Дар сурати пешниҳод гардидани шикоят ё эътирози кассатсионӣ дар ҳаққи баъзе маҳкумон, агар ҳукм нисбати ҳамаи маҳкумшудагон аз рӯи парвандаи мазкур аз ҷониби суди болоӣ бекор карда нашуда бошад, пас аз баррасии парвандаи мазкур дар марҳилаи кассатсионӣ он эътибори қонунӣ пайдо мекунад.

15. Суд ҳангоми баррасии парванда дар марҳилаи кассатсионӣ вазифадор аст, ки аз тарафи мақомоти тафтишӣ ва судӣ риоя намудани ҳуқуқҳои бо қонун кафолатдодашудаи иштирокчиёни мурофиа, мувофиқатии мазмуни ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ ба талаботи қонун (аз ҷумла, қарор дар бораи оғоз кардани парванда ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани айбдоршаванда, фикри айбдоркунӣ ва санадҳои судӣ), асоснок кардани хулосаҳои суд дар бораи исбот гардидан ё нагардидани айби эълоншуда, банду басти кирдор, одилона будани ҷазои таъингардидаро дар якҷоягӣ бо дигар маводи парванда мавриди санҷиш қарор диҳад.

Агар суди марҳилаи кассатсионӣ зимни баррасии парванда муайян намояд, ки доир ба он таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё судӣ яктарафа ва нопурра гузаронида шудааст (моддаи 373-и КМҶ) ё хулосаҳои суд, ки дар ҳукм ифода ёфтаанд, ба ҳолатҳои воқеии парванда мувофиқ намебошад (моддаи 374-и КМҶ), инчунин дар холате, ки агар асосҳои мазкур дар шикоят ё эътирози кассатсионӣ дарҷ нагардида бошад ҳам, вазифадор аст, ҳукми айбдоркуниро тағйир диҳад ва ё бекор карда, парвандаро барои тафтиши нав ё ба баррасии нави судӣ ирсол намояд. Суд ҳангоми қабул намудани чунин қарор ҳуқуқ надорад, аз ҳудуди айби эълонгардида барояд ва дар таъиноти худ ба ҳолатҳое, ки муайян намудани онҳо вазъи маҳкумшударо вазнинтар месозанд, ишора кунад.

16. Бояд дар назар дошт, ки нагузаронидани экспертиза дар ҳолатҳое, ки тибқи қонун таъини он ҳатмист (моддаи 209-и КМҶ) ҳамзамон, напурсидани шахсоне, ки нишондодҳояшон аҳамияти ҷиддӣ доранд, талаб карда нагирифтани ҳуҷҷатҳо, ба парванда ҳамроҳ накардани далелҳои шайъӣ, иҷро накардани супоришҳои дар таъиноти ба тафтиши нав ё муҳокимаи нави судӣ фиристонидани парванда, пурра муайян накардани шахсияти судшаванда дар ҳама ҳолат мутобиқи талаботи қисми 2 моддаи 373-и КМҶ, ҳамчун ҳолати яктарафа ё нопурра будани таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё судӣ эътироф шуда, барои бекор кардани ҳукм ва баргардонидани парванда ба тафтиши иловагӣ ё баррасии нави судӣ асос мегардад.

17. Судҳои марҳилаи кассатсионӣ бояд ба инобат гиранд, ки ба таври ҷиддӣ вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, ки барои бекор карда шудани ҳукм асос мегарданд, танҳо ҳолатҳои дар моддаи 375-и КМҶ пешбинигардида шуда метавонанд.

Ҳангоми муайян кардани вайронкунии ҷиддии қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, ки асос

барои бекор карда шудани ҳукм мегарданд, суд вазифадор аст, ҳукмро нисбати ҳамаи маҳкумон, ки нисбаташон чунин вайронкунӣ роҳ дода шудааст, новобаста аз он, ки кадоме аз онҳо шикоят пешниҳод намудааст ва нисбати кадоме эътироз оварда шудааст, бекор намояд.

Талаботи мазкур бояд ҳангоми муқаррар кардани вайронкуниҳое, ки дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 375-и КМҶ номбар шудааст, инчунин дигар вайронкунии қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, агар он бо роҳи маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои ба айбдоршаванда, судшаванда ва дигар иштирокчиёни мурофиа кафолатдодаи қонун ё бо роҳи дигар ба суд дар таҳқиқи ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор халал расонида, ба қабули ҳукми қонунӣ ва асоснок таъсир расонидааст ё метавонист таъсир расонад (оғоз накардани парвандаи ҷиноятӣ, эълон накардани айб, ба судшаванда насупурдани нусхаи фикри айбдорӣ, дар парванда набудани қарор дар бораи таъин кардани маҷлиси судӣ, маҳрум кардани ҷабрдида аз ҳуқуқи дар музокираҳои судӣ баромад намудан, ба судшаванда надодани сухани охирин ва ғайра), риоя карда шавад.

Ҳамзамон, қайд намудан зарур аст, ба судшаванда ҳуқуқи иштирок дар музокираи судӣ надодан он вақт асос барои бекор кардани ҳукм мегардад, ки агар дар парванда ҳимоятгар иштирок надошта бошад.

18. Суде, ки парвандаро ба тариқи кассатсионӣ баррасӣ менамояд, дар сурати ҷой доштани вайронкунии ҷиддии қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ҳукмро бекор намуда, вазифадор аст, дар таъиноти худ оид ба дигар вайронкуниҳои муайянгардида, ки ҳангоми пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё судӣ роҳ дода шудаанд, қайд намояд. Ба таъинот тавзеҳоте, ки метавонанд вазъи маҳкумшударо вазнинтар созанд, ворид намудан мумкин нест.

19. Агар суди марҳилаи кассатсионӣ дар бораи бекор кардани ҳукм бинобар баръало сабук будани ҷазои таъингардида на аз рӯи ҳолатҳои дар эътирози прокурор ё шикояти ҷабрдида ба миён гузошта, балки бо сабаби ба таври ҷиддӣ вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба хулоса ояд, бояд дар таъинот на танҳо зарурияти бартараф намудани вайронкунии қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин асосҳои рад намудани эътироз ё шикоятро дар бораи бекор кардани ҳукм бо сабаби сабукии ҷазо қайд намояд.

Ҳангоми баррасии парванда ба тариқи кассатсионӣ, агар муайян гардад, ки маҳкумшуда то баровардани ҳукм дастгир шудааст ё нисбати ӯ чораи пешгирии ба ҳабс ё ҳабси хонагӣ гирифтан татбиқ гардидааст, суди марҳилаи якум масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор надодааст, суди марҳилаи кассатсионӣ бояд масъалаи ба ҳисоб гирифтани ҳабси пешакиро барои татбиқи мӯҳлати ҷазо ҳаллу фасл намояд.

20. Суди марҳилаи кассатсионӣ вайронкунии қонунро муайян намуда, онро бо дарназардошти вазнинтар нагардидани вазъи маҳкумшуда ва вайрон нашудани ҳуқуқи ӯ ба ҳимоя, бартараф месозад. Ҳангоми пайдо гардидани зарурати татбиқи қонун дар бораи ҷинояти вазнинтар ё таъини ҷазои вазнинтар, ҳукм танҳо дар сурате бекор карда мешавад, агар аз рӯи он бо асосҳои мазкур аз ҷониби прокурор, ҷабрдида ё намояндаи ӯ эътироз ё шикоят оварда шуда бошад (қисми 2 моддаи 378-и КМҶ).

Дар парванда мавҷуд будани шикояти дигар иштирокчиёни мурофиа дар бораи ошкоро сабук будани ҷазои таъиншуда ва беасос татбиқ намудани қонун дар бораи ҷинояти сабуктар, асос барои бекор кардани ҳукм шуда наметавонанд.

21.Баррасии парванда ба тариқи кассатсионӣ дар доираи ҳамон айбе, ки бо он судшаванда гунаҳгор эътироф гардидааст ё сафед карда шудааст, сурат мегирад. Тағйир додани ҳукм дар сурате иҷозат дода мешавад, агар бо он вазъи маҳкумшуда бадтар нагардад ва ҳуқуқи ӯ ба ҳимоя вайрон карда нашавад.

Аз ҷумла, суд ҳуқуқ дорад:

- кирдори содиршударо ба дигар модда ё якчанд моддаи дигари қонун, ки ҷиноятҳои сабуктарро пешбинӣ мекунад аз нав банду баст намояд, дар сурате агар чунин тағйирот маънои гунаҳгор эътироф намудани маҳкумро дар содир кардани ҷиноят, ки бо ҳолатҳои воқеии худ моҳиятан аз айби дар ҳукм эълонгардида фарқ мекунад, дар бар нагирад;
- қисми (лаҳзаи) айб ё аломатҳое, ки ҷавобгарии маҳкумшударо вазнинтар месозанд, хориҷ намояд;
- ҳукмро дар қисми айбе, ки банду басти мустақилро гирифтааст, бекор карда, парвандаро

дар ин қисм қатъ намояд;

- моддаи қонунеро, ки бо он зиёдатӣ аз сабаби ҳамчун маҷмӯи моддаҳои ду ҷиноят нодуруст баҳо додани як кирдори содиргардида маҳкум гардидааст, хориҷ намуда, ҳамзамон ҳукмро бекор накарда, парвандаро дар қисми айби бо ҳамин модда эълоннамуда қатъ нанамояд.

Тағироти ба ҳукм воридгардида бояд дар қисми хулосавии таъинот низ дарҷ ёбад.

22.Агар ҳангоми баррасии шикоят ва эътирози кассатсионӣ зарурати банду басти ҳаракатҳои маҳкумшуда бо моддаи қонуне, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро истисно мекунад, яъне ҳангоми гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, қабули санади авф ба миён ояд, суди марҳилаи кассатсионӣ кирдори содиршударо ба моддаи зарурии қонуни ҷиноятӣ аз нав банду баст карда, дар асоси он ҷазо таъин намуда, маҳкумшударо аз адои ҷазо озод менамояд.

Дар сурати оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ бархилофи санади авф, ки айбдоршавандаро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод месозад ё бо сабаби мурури мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ҳукми айбдорӣ новобаста аз он ки дар бораи озод намудани маҳкумшуда аз адои ҷазо қабул гардидааст, бояд бо қатъ намудани пешбурди парванда бекор карда шавад.

Бояд дар назар дошт, ки тибқи талаботи қисми 3 моддаи 27-и КМҶ ба қатъ намудани парванда бо асосҳои зикршуда иҷозат дода намешавад, агар маҳкумшуда дар ин бора норозигӣ баён намояд.

23. Суди марҳилаи кассатсионӣ банду басти кирдори маҳкумшударо бо як ё якчанд лаҳзаҳои ҷиноятe, ки дар маҷмӯъ бо дигар лаҳзаҳо банду баст карда шуданаш лозим буд, нокифоя ҳисобад (масалан, гунаҳгор донистани шахс дар гирифтани якчанд лаҳзаи пора, дар сурати мавҷуд набудани аломати такрори ҷиноят) бояд ҳукмро бекор карда, парвандаро дар ҳаҷми пурраи айби эълоннамуда ба баррасии нав ирсол намояд, ё ин ки дар сурати мавҷуд будани асос (масалан, исбот нашудани як ё якчанд лаҳзаи ҷиноят) ҳукмро тағйир дода, аз он лаҳзаҳои зикргардидаро хориҷ карда, парвандаро дар ин қисм қатъ намояд.

Агар маҳкумшуда дар содир намудани якчанд ҷиноятҳое, ки ҳар яке аз онҳо бо моддаи дахлдори қонун банду баст карда шудааст ва метавонад дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад, гунаҳгор дониста шуда бошад, суди марҳилаи кассатсионӣ ҳуқуқ дорад, ҳукмро қисман бекор карда, парвандаро дар қисми як ё якчанд ҷиноят ба тафтиши иловагӣ ё ба муҳокимаи нави судӣ ирсол намуда, дар дигар қисмаш бетағйир гузорад.

24. Дар сурати аз ҷониби суди марҳилаи якум нисбати маҳкумшуда татбиқ гардидани санади авфе, ки набояд татбиқ мешуд, суди марҳилаи кассатсионӣ ҳангоми мавҷуд будани эътирози прокурор ё шикояти ҷабрдида бобати сабук будани ҷазои таъиншуда дар асоси талаботи қисми 3 моддаи 376-и КМҶ бояд ҳукмро бекор карда, парвандаро ба муҳокимаи нави судӣ барои таъин намудани ҷазо бе татбиқи санади авф ирсол намояд.

Аммо агар суди марҳилаи кассатсионӣ ҷазои дар хулосаи охирини ҳукм (яъне бо татбиқи санади авф) таъиншударо нисбати маҳкум бе татбиқи санади авф низ кифоя шуморад, ҳуқуқ дорад парвандаро ба баррасии нав ирсол нанамуда, ҳукмро тағйир дода, аз он татбиқи санади авфро хориҷ карда, ҷазои бо ҳукм таъингардидаро то андозае, ки бо татбиқи санади авф ҷазои охирин таъин шудааст, кам намояд.

25. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи талаботи қисми 2 моддаи 67-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ), агар маҷмӯи ҷиноятҳоро ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна дар бар гирифта бошад, ҷазои ниҳоӣ бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар ё бо роҳи пурра ё қисман зам кардани ҷазоҳо таъин карда мешавад.

Ҳамзамон, мутобиқи талаботи қисми 3 моддаи 67-и ҳамин Кодекс, агар яке аз ҷиноятҳои дар маҷмӯъ содирнамуда вазнин ё махсусан вазнин бошад, он гоҳ ҷазои ниҳоӣ бо роҳи қисман ё пурра зам кардани ҷазоҳо таъин карда мешавад.

Дар сурати аз ҷониби суди марҳилаи якум ба ҷои бо роҳи зам намудан ҷазои ниҳоӣ бо роҳи дар бар гирифтани ҷазоҳо таъин гардида бошад, суди марҳилаи кассатсионӣ ба шарте метавонад ба маҳкумшуда, бо роҳи қисман ё пурра зам кардан, ҷазои ниҳоӣ муайян намояд, агар ҷазои ниҳоии нав таъингардида аз андозаи ҷазое, ки бо ҳукм муқаррар карда шудааст, зиёд набошад.

Инчунин суди марҳилаи кассатсионӣ мавриди аз нав банду баст намудани яке аз ҷиноятҳои ба маҷмӯи ҷиноятҳо дохилшаванда, ба моддаи қонуне, ки ҷинояти сабуктарро

пешбинӣ менамояд, ҳуқуқ дорад аз принсипи дар бар гирифтани ҷазоҳои таъингардида, ки аз тарафи суди марҳилаи якум нодуруст татбиқ шудааст, ба принсипи зам намудани ҷазоҳо дар он ҳолатҳое низ гузарад, ки агар ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо аз андозаи ҷазое, ки бо ҳукм муқарррар шудааст, барзиёд набошад.

Дар сурате, агар гунаҳгор ду ё зиёда ҷиноятҳоеро, ки бояд бо як моддаи қонуни ҷиноятӣ бандубаст карда шаванд, содир намудаасту аммо суди марҳилаи якум саҳван онҳоро бо ду модда бандубаст карда, ба як ҷиноят баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода, нисбати дигараш моддаи қонун дар бораи ҷинояти вазнинтарро нодуруст татбиқ намудааст, суди марҳилаи кассатсионӣ ҳаракатҳои дахлдори ҷиноятиро аз ин модда ба моддаи ҷинояти сабуктар аз нав банду баст менамояд. Дар ин маврид суд ҳуқуқ дорад, дар доираи раводиди он ҷазои сахттар нисбат ба ҷазое, ки суди марҳилаи якум таъин намудааст, аммо на зиёда аз андозаи ҷазои бо ҳукм таъиншуда, муқаррар намояд.

26.Суд парвандаро ба тариқи кассатсионӣ мавриди баррасӣ қарор дода, ба хулоса ояд, ки ислоҳ кардани маҳкумшуда бе адои ҷазо, вале дар шароити назорати рафтораш имконпазир аст, ҳуқуқ дорад, нисбати маҳкумшуда шартан татбиқ накардани ҷазоро тибқи талаботи моддаи 71-и КҶ татбиқ намояд.

Ҳангоми кам кардани ҷазои асосӣ нисбати маҳкумшуда, аз он ҷумла, ба тартиби талаботи моддаи 63-и КҶ гузаштан ба ҷазои сабуктари нисбат ба ҷазои дар қонун пешбинигардида, суди марҳилаи кассатсионӣ метавонад ҳукмро дар қисми таъини ҷазои иловагӣ низ дар ҳаққи гунаҳгор (мусодираи молу мулк, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ва ғайра) тағйир диҳад.

Ба судҳои марҳилаи кассатсионӣ зарур аст, санҷида бароянд, ки оё аз ҷониби судҳо ҳангоми таъини ҷазо ба маҳкумон талаботи моддаи 60-и КҶ, ки суд ҳангоми таъини ҷазо принсипи фардикунонии ҷазоро ба асос гирифта, хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, яъне арзиши объектҳои бо қонун муҳофизатшаванда, сабабҳои содир намудани ҷиноят, тарзи амал, шахсияти гунаҳгор, хусусият ва андозаи зарари расонидашуда, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, фикру ақидаи ҷабрдидаро аз рӯи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба назар мегирад, риоя кардаанд ва тадбирҳоро баҳри ислоҳ намудани хатогиҳои роҳдодашуда андешида бароянд.

Судҳои марҳилаи кассатсионӣ набояд ба беасос сабук кардани ҷазо нисбати шахсоне, ки қаблан суд шуда, ба кори ба ҷамъият фоидаовар машғул нашуда, боз ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин содир намудаанд, инчунин ба бетағйир монондани ҳукм нисбати маҳкумоне, ки ба маҳруми аз озодӣ маҳкум карда шудаанд, ҷинояти содирнамудаашон ба ҷамъият хавфнокии баланд надорад ва бе ҷудо кардан аз ҷамъият метавонанд ислоҳ шаванд, роҳ диҳанд.

Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми баровардани ҳукм суд вазифадор аст, таъини ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ, агар раводиди қонуни ҷиноятӣ дигар ҷазоҳои бо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набударо пешбинӣ карда бошад, асоснок намояд.

Суди марҳилаи кассатсионӣ агар ҳисоб намояд, ки ислоҳиноболиғи бори аввал ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна содирнамуда бо роҳи татбиқи чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта имконпазир аст, ҳуқуқ дорад ӯро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намуда, нисбаташ яке аз чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявӣ доштаи дар моддаи 89-и КҶ пешбинишударо татбиқ намояд.

27.Дар ҳолати вафоти маҳкум пас аз пешниҳоди шикоят ё эътирози кассатсионӣ, вале то ба тариқи кассатсионӣ мавриди баррасӣ қарор додани парванда, пешбурди парванда нисбати маҳкумшудаи мазкур метавонад танҳо дар сурате давом ёбад, агар дар натиҷаи санҷиш асосҳо барои сафед кардани марҳум муайян карда шавад. Ҳангоми набудани асосҳои сафедкунӣ пешбурди минбаъдаи парванда нисбати шахси мазкур тибқи талаботи сархати 7 қисми 1 моддаи 27-и КМҶ қатъ карда мешавад.

28. Ҳамзамон, судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки масъалаи ба фоидаи давлат мусодира намудани молу мулки бо роҳи ҷиноят корона ба даст омада, метавонад ба тариқи пешбурди судии граждании дар асоси даъвои прокурор дар бораи ҷуброни зараре, ки бо ҳаракатҳои марҳум расонида шудааст, аз рӯи даъвои ҷабрдида ё прокурор нисбати меросгирони

марҳум ё шахсоне, ки идоракунии молу мулки ӯро ба зиммаи худ гирифтаанд, сурат гирад.

29. Тақдири далелҳои шайъӣ бо парванда бояд дар асоси қарори суди марҳилаи кассатсионӣ, ки ба таъинот дар бораи қатъ намудани пешбурди парванда ҳамроҳ мегардад, ҳал карда шавад.

Дар сурати вуҷуд доштани баҳс дар бораи тааллуқдории он бошад, ба тариқи пешбурди судии гражданӣ муайян карда мешавад.

30.Бо дарназардошти аҳамияти муҳим доштани таъинотҳои кассатсионӣ диққати судҳо ба зарурати ҳатман иҷро намудани талаботи моддаи 383-и КМҶ марбут ба мазмуни таъинотҳои кассатсионӣ ҷалб карда шавад.

Суди марҳилаи кассатсионӣ ҳангоми бекор кардани ҳукм ва ирсоли парванда ба баррасии нав вазифадор аст, дар таъиноти худ маҳз кадом вайронкуниҳо асоси бекор кардани ҳукм гардидаанд ва чӣ тавр онҳоро бояд ислоҳ кард, қайд намояд. Аммо тибқи талаботи қисми 2 моддаи 383-и КМҶ ҳуқуқ надорад супоришҳое диҳад, ки қаблан хулосаҳои мақомоти таҳқиқ, тафтишоти иловагӣ ва судиро ҳал кунанд, зеро ҳангоми баррасии такрории парванда суди марҳилаи якум вазифадор аст, далелҳоро ҳаматарафа, пурра ва холисона санҷида, таҳлил намуда, вобаста ба ақидаи ботинии худ ба онҳо баҳогузорӣ намуда, масъалаи гунаҳгор ё бегуноҳ будани судшаванда, татбиқи қонуни ҷиноятӣ ва таъини ҷазоро ҳаллу фасл намояд.

Дар сурате, агар коллегияи кассатсионӣ дар бораи иловатан мавриди таҳлил ва баҳодиҳӣ қарор додани ҳолатҳою далелҳои муайян пешниҳод намояд, агар парванда бо шикояти кассатсионии ҷабрдида, эътирози кассатсионӣ бобати сабук будани ҷазои таъингардида ё зарурати татбиқи қонун дар бораи ҷинояти вазнинтар нисбати маҳкум, масъалаи пурзӯр намудани ҷазо ё татбиқи қонуни вазнинтар баррасӣ карда шавад, он гоҳ ин ҳолат ҳамчун пешакӣ ҳаллу фасл намудани хулосаҳои мақомоти тафтишотӣ ва суди марҳилаи якум дониста намешавад.

31.Суди марҳилаи кассатсионӣ бояд сифати тартиб додани протоколи маҷлиси судӣ, инчунин аз тарафи суди марҳилаи якум ба иштирокчиёни мурофиаи судӣ оид ба парванда фаҳмонидани ҳуқуқи бо протоколи маҷлиси судӣ шинос шудан ва нисбати он эрод оварданро санҷад.

Ҳангоми баровардани ҳукм бо татбиқи моддаи 71-и КҶ диққати судҳо бояд ба масъалаи ба маҳкумшудагон фаҳмонда додани оқибатҳои вайрон кардани шартҳое, ки бо меъёри қонун пешбинӣ шудаанд, ҷалб карда шавад.

32. Парвандаеро, ки ба он фикри раисикунанда ё машваратчии халқӣ ҳамроҳ карда шудааст, баррасӣ намуда, суди марҳилаи кассатсионӣ вазифадор аст, ки ба тариқи пешбининамудаи моддаи 364-и КМҶ асоснок будани ваҷҳҳои онро низ тафтиш намуда, мавриди муҳокима қарор диҳад.

33. Ҳангоми бекор гардидани ҳукми сафедкунанда, ки бинобар исбот нашудани иштироки судшаванда дар содир кардани ҷиноят баровара шудааст, суди марҳилаи кассатсионӣ бо дастрасии моддаи 383-и КМҶ бояд далелҳоеро, ки суд онҳоро мадди назар кардааст ё ҳолатҳои воқеии парвандаро, ки муайян карда нашудаанд, дар таъинот қайд намояд.

34. Аз таъиноти (қарори) суди марҳилаи якум, ба истиснои муқаррароти қисми 3-и ҳамин модда, аз ҷониби шахсони дар моддаи 357-и КМҶ зикршуда шикояти хусусӣ кардан ё эътирози хусусӣ овардан мумкин аст.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи қоидаҳои моддаи 363-и КМҶ аз таъиноте (қароре), ки дар рафти муҳокимаи судӣ дар бораи таҳқиқи далелҳо, дархости иштироккунандагони мурофиа, интихоб, тағйир додан ё бекор кардани чораҳои пешгирӣ, инчунин риояи тартибот дар толори маҷлиси суд, ғайр аз таъиноти (қарори) дар хусуси ситонидани ҷарима баровардашуда, шикоят ё эътироз карда намешавад.

Шикояти хусусӣ ё эътироз аз таъиноти (қарори) суди марҳилаи якум аз ҷониби тарафҳо дар мӯҳлати даҳ шабонарӯз аз лаҳзаи баровара шуданашон дода шуда, тибқи талаботи боби 39-и Кодекси мазкур баррасӣ карда мешаванд.

Дар сурати шикоят кардан ва эътироз овардан ба таъиноте (қароре), ки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ бо баровардани ҳукм хотима ёфтааст, парванда танҳо пас аз гузаштани мӯҳлати барои шикояти ҳукм муайянгардида ба суди марҳилаи болоӣ фиристода мешавад. Зимнан, агар ба ҳукм шикояти кассатсионӣ оварда шуда бошад, тафтиши шикояти хусусӣ ё

эътирози хусусӣ аз ҷониби он марҳилаи судӣ анҷом дода мешавад, ки парвандаро бо тартиби кассатсионӣ баррасӣ мекунад.

Ҳуқуқи шикоят кардан аз таъиноти суд ва қарори судя, инчунин ба шахсоне тааллуқ дорад, ки дар парвандаи мазкур ба сифати тараф иштирок надоштанд, вале таъинот ё қарор ба манфиати онҳо дахолат мекунад.

35. Аз рӯи натиҷаи баррасии шикояти (эътирози) кассатсионӣ суди марҳилаи кассатсионӣ санади судиро дар шакли таъинот қабул менамояд, ки аз тарафи ҳамаи судяҳои дар баррасии парванда иштироккарда (аз он ҷумла, судяе, ки аз рӯи парванда фикри худро дорад) имзо карда мешавад. Таъиноти суди марҳилаи кассатсионӣ аз қисмҳои муқаддимавӣ, баёнию асоснокқунӣ ва хулосавӣ иборат буда, бояд қонунӣ, асоснок, одилона ва ҷавобгӯи талаботҳои моддаи 383-и КМҶ бошад.

Дар таъиноти номбурда ба ҳамаи ваҷҳҳои шикоят ё эътирози кассатсионӣ, аз ҷумла масъалаи исбот гардидан ё нагардидани гуноҳ, банду басти кирдор, андозаи ҷазо бояд баҳои ҳуқуқӣ дода шавад. Дар акси ҳол он бархилофи талаботи моддаи дар боло зикршуда қабулгардида эътироф шуда, асос барои бекоршавии он мегардад.

36. Таъиноти суди марҳилаи кассатсионӣ дар бораи бекор кардани ҳукм бояд дар асоси омӯзиши амиқи ҳамаи ҳолатҳои парванда бароварда шуда, тавзеҳоти зарурирo марбут ба бартараф сохтани камбудиҳои ҷойдоштаи тафтишот ё баррасии судӣ дар бар гирад.

Бо дарназардошти он ки тавзеҳоти суди марҳилаи кассатсионӣ ҳангоми гузаронидани тафтиши иловагӣ ва баррасии нави суди марҳилаи якум ҳатмист, аз ин рӯ он бояд фаҳмо, амиқ ва амалан иҷрошаванда бошад.

37. Суди марҳилаи кассатсионӣ бояд қонунӣ ва асоснокии таъиноти хусусӣ, мувофиқати он ба маводи парванда ва ҳукмро санҷида бароояд.

38. Агар ҳангоми ба тариқи кассатсионӣ баррасӣ намудани парванда суд ба хулоса ояд, ки мақомоти таҳқиқ, тафиши пешакӣ ва судӣ зимни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ муқарраротi қонунро риоя накарда, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро вайрон кардаанд, оиди ин камбудиҳо коллегия ҳуқуқ дорад бо таъиноти хусусии худ диққати шахсони номбурдаро ба ин ҳолатҳо ҷалб намояд.

Суди марҳилаи кассатсионӣ метавонад, инчунин ба воситаи таъиноти хусусии худ диққати шахсони мансабдоре, ки пешбурди таҳқиқ ё тафтишоти пешакиро анҷом додаанд ё суде, ки парвандаро дар марҳилаи якум баррасӣ намудааст ба вайронкуниҳои роҳдодаи онҳо, ки асоси бекор кардан ё тағийр додани ҳукм гардидаанд, ҷалб намояд. Вале суд ҳуқуқ надорад воқеиятеро, ки бо ҳукм рад карда шудааст, муқаррар намояд ё исботгардида шуморад, ё чунин таъиноти хусусие қабул кунад, ки моҳиятан қонунӣ ва асоснок будани ҳукми бетағйир монондашударо зери шубҳа гузорад.

39. Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, Коллегияи ҳарбии Суди Олӣ, Раёсатҳои суди ВМКБ, судҳои вилоятӣ ва шаҳри Душанбе ҳангоми ба тариқи назоратӣ баррасӣ намудани парванда вазифадоранд ба риоя намудани талаботи қонун ҳангоми баррасии парванда бо тариқи кассатсионӣ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намуда, бо ҳамин роҳ аз тарафи судҳо дуруст риоя намудани принсипи қонуниятро таъмин намоянд.

40. Бинобар қабул шудани Қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 1992 таҳти №2 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи кассатсионӣ баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ» аз эътибор соқит карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н. Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. Саидов**